# НАМУНАИ

## саволу масъалаҳои тест
## аз фанни забони давлатӣ
## барои олимпиадаи фаннии
## хонандагони муассисаҳои
## таҳсилоти миёнаи умумӣ

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**1** **Дар кадоме аз калимаҳои ишорашуда ҳангоми талаффуз ҳодисаи фонетикии монандшавии овозҳо мушоҳида мешавад?**

**A)** ***Муддат***е ҳам бар ин ҳол ... дар маҳди беғамӣ меғунуданд. Аз “Дурдонаҳои наср”

**B)** Аз баҳор ёд мекунем, ки бедории табиат, эҳёи арзу само, ***ибтидо***и гирудорҳои деҳқон ба хотири фардост. Аз “Занони Тоҷикистон”

**C)** ***Подшоҳ*** бифармуд, то он рӯз таъхир карданду Бахтиёрро дар банду занҷир кашиданд. Аз “Бахтиёрнома”

**D)** Яке аз нудамо ... баъд аз таом аз рӯйи хон биринҷ ***мечид***у мехӯрд. Садри Зиё

**2** **Дар байти зерин калимаҳои ҳамгуни *доира* чӣ маъно доранд?**

***Чун доира мо зи пӯстпӯшони туем,***
***Аз доираи ҳалқабагӯшони туем.*** Аз “Куллиёт”-и С. Айнӣ

**A)** Маънои ҳар ду калима ***давра нишастани одамон*** аст.

**B)** Маънои ҳар ду калима киноя аз ***асбоби мусиқӣ*** аст.

**C)** Маънои калимаи аввал ***сози мусиқӣ*** ва калимаи дуюм ***гурӯҳ*** аст.

**D)** Маънои калимаи аввал ***ҳалқа*** ва дуюм ***дар ҳудуди ихтиёри касе будан*** аст.

**3** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаро гузоред:**

***Сафар шеъри худро ... ба космонавти меҳмон супурд.*** Аз “Китоби дарсӣ”

**A)** бо ду дасти адаб

**B)** бо иззату эҳтиром

**C)** бо майлу хоҳиш

**D)** бо шавқу рағбат

**4** **Кадом навъи калимаҳо дар қолаби “исм + исм” ва “сифат + исм” сохта мешаванд?**

**A)** сода

**B)** сохта

**C)** мураккаб

**D)** таркибӣ

**5** **Услуби матни зеринро муайян намоед:**

***Таърихшиноси асил хуб эҳсос менамояд, ки ҳамаи ҳодисаҳои таърихӣ дар забон ва ба воситаи он акс ёфта, баояндагон ба мерос гузошта мешавад, ҳамчунин забон мояи ягонагӣ ва бақои миллат ба шумор меравад. Аз ин ҷиҳат, таърих ба забон ва забон ба таърих пайвастагии ногусастанӣ дошта, таҳқиқи яке бе дигаре имконнопазир аст.*** Шарофиддин Рустамов

**A)** илмӣ

**B)** бадеӣ

**C)** расмӣ-коргузорӣ

**D)** рӯзноманигорӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**6** **Дар ҷумлаи додашуда ба ҷойи сенуқтаҳо ҷонишини таркибиро гузоред:**

***Ҳеҷ гумон накарда будам, ки хоҳарони зебои гуландом дар ... кулбаи гадоёна зиндагӣ кунанд.*** С. Улуғзода

**A)** ин

**B)** чунин

**C)** ҳамчунин

**D)** ҳамин гуна

**7** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта феъли сиғаи шартӣ-хоҳишмандиро гузоред:**

***Ҳа, писарам, ман ... , ки ба пункти даъват кай меравӣ?*** Ҳ. Карим

**A)** донистам

**B)** медонистам

**C)** донистанӣ будам

**D)** медонистагистам

**8** **Муайян намоед, ки пешоянди ишорашуда чӣ гуна тобиши маъноиро ифода намудааст:**

***Аз илм мурод <u>ҷуз</u> амал нест.*** Камоли Хуҷандӣ

**A)** муносибат

**B)** истисно

**C)** ҳамроҳӣ

**D)** ҳолат

**9** **Дар калима ва ибораҳои додашуда мавқеи ҳарфи *и*-ро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** азбаски | **1)** ҳамчун изофат |
| **B)** кошки | **2)** дар пешоянд |
| **C)** дар рӯйи | **3)** дар пайвандак |
| **D)** оби равон | **4)** дар ҳиссача |
| | **5)** дар нидо |

**10** **Маънои таъбирҳоро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** аз даст додан | **1)** муяссар шудани чизе, пайдо шудани имконият |
| **B)** касе ба касе даст додан | **2)** ба касе ё чизе даст дароз кардан |
| **C)** чизе ба касе даст додан | **3)** розигӣ додан, қабул кардан |
| **D)** даст доштан | **4)** бой додан, маҳрум шудан |
| | **5)** дар коре иштирок намудан |

**11** **Таҳлили синтаксисӣ. Аъзои ҷумларо муайян намоед:**

***Бародарон ин дафъа дар ҷавобаш дармонданд.*** Аз “Достонҳои Шоҳнома”

| | |
|---|---|
| **A)** ин дафъа | **1)** ҳол |
| **B)** бародарон | **2)** хабар |
| **C)** дармонданд | **3)** мубтадо |
| **D)** дар ҷавобаш | **4)** пуркунанда |
| | **5)** муайянкунанда |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**12** **Маънои байтҳоро муайян намоед:**

**A)** Бузургаш нахонанд аҳли хирад,
Ки номи бузургон ба зиштӣ барад.
Саъдии Шерозӣ

**B)** Хирад беҳтар бувад аз зар, ки дорӣ,
Ки дар зар кас набинад ҳушёрӣ.
Носири Хусрав

**C)** Ба дониш равонро тавонгар кунед,
Хирадро ҳамон бар сар афсар кунед.
Абулқосими Фирдавсӣ

**D)** Касе, к-ӯ хирадро надорад зи пеш,
Дилаш гардад аз кардаи хеш реш.
Абулқосими Фирдавсӣ

**1)** Илму дониш рӯҳи инсонро қавӣ мекунанд. Пас, бояд аз пайи илму дониш бошем.

**2)** Ҳар касе, ки илму дониш надорад, зиёд хато мекунад ва бисёр пушаймон мешавад.

**3)** Илму дониши ҳақиқӣ инсонро ба молу дорой ва обрӯю эътибор мерасонанд.

**4)** Дониш беҳтар аз зару мол аст, зеро ҳеҷ дузде наметавонад онро бидуздад.

**5)** Касе, ки номи бузургонро ба бадӣ ёд мекунад, яқин аст, ки худаш инсони ҳақир аст.

**13** **Аз ибораи "*тобиши моҳ*" ҳамсадоҳои *т, б, ш* ва *ҳ*-ро таҳлили фонетикӣ намоед.**

**Ҷавоб:** т- ______________________

б- ______________________

ш- ______________________

ҳ- ______________________

(!) Ба ҳар ҷавоби дуруст 0,5 хол дода мешавад.

**14** **Дар ҷумлаи зерин феъли ишорашуда дар кадом шакли замони гузашта ифода ёфтааст?**

***Ба шумо фақат ҳаминаширо мегӯям, ки он чиз ба модарам аз модаркалонам <u>мерос мондааст.</u>*** Ҳаким Карим

**Ҷавоб:** ______________________

(!) Ба ҷавоби дуруст 2 хол дода мешавад.

**15** **Аз ибораҳои додашуда ҳамаи ибораҳои сифатиро ҷудо намуда, дар поён нависед:**

***Пур аз об, шахси ношинос, асри бист, аз арақ тар, ду аламрасида, дар хондан беҳамто, талабаи аълочӣ, баланд паридан, ҳавои хуш, андаке сусттар.***

**Ҷавоб:** ______________________

(!) Ба ҳар ҷавоби дуруст 0,5 хол дода мешавад.

**16** **Мазмуни ҷумлаи зеринро бо чанд ҷумлаи сода беғалат ифода кардан мумкин аст?**

***Як рӯз дар вақте ки Одина бар болои кати худ дар офтобрӯя, нимхоб ва ним бедор дароз кашида ёзида буд ва Шоҳмирзо ба оянда ва равандагон чой ва чилим медод, шахси ношиносе омада ба як гӯшаи чорпояи самоворхона нишаст ва ба Шоҳмирзо як чой супориш намуд.*** Садриддин Айнӣ

**Ҷавоб:** ______________________

(!) Ба ҷавоби дуруст 2 хол дода мешавад.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**17** **Мубтадои ҷумлаи додашударо муайян намуда дар поён нависед:**

***Нахӯди пеши қошуқ шудан ба ту намезебад.*** Аз “Китоби дарсӣ”

**Ҷавоб:** ____________________

(!) Ба ҷавоби дуруст 2 хол дода мешавад.

**18** **Навъи ҷумлаи содаро муайян намоед:**

***Аспамро дар пушти дарвоза баста даромадам.*** Сотим Улуғзода

**Ҷавоб:** ____________________

(!) Ба ҷавоби нопурра 1 хол ва ба ҷавоби пурра 2 хол дода мешавад.

**19** **Навъи ҷумлаи мураккабро муайян намоед:**

***Мусиқӣ менавохт, хонандагон суруд мегуфтанд, раққосон мерақсиданд, дарё мегуррид ва боз беихтиёр рӯйи ман ба тарафи дарё баргашт.***

Садриддин Айнӣ

**Ҷавоб:** ____________________

(!) Ба ҷавоби нопурра 1 хол ва ба ҷавоби пурра 2 хол дода мешавад.

**20** **Байти зерин эпиграфи кадом асари устод Садриддин Айнист?**

***Зи сар бигзашт бе ту оби чашмам,***
***Яке аз саргузаштам бе ту ин аст.***

**Ҷавоб:** ____________________

(!) Ба ҷавоби дуруст 2 хол дода мешавад.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**Супориш:** маънои калимаҳои дар байт ва ҷумлаҳо ишорашударо нависед.

<table>
<tr><th>№</th><th>Байт ва ҷумлаҳо</th><th>Маънои калимаи ишорашуда</th></tr>
<tr><td>1</td><td rowspan="2">Резам сиришки гулгун аз захмаи муғаннӣ,<br>Оре, равон шавад хун, бар раг чу наштар ояд.<br>Абдурраҳмони Ҷомӣ</td><td></td></tr>
<tr><td>2</td><td></td></tr>
<tr><td>3</td><td>Ба панҷ байза, ки султон ситам раво дорад,<br>Зананд лашкариёнаш ҳазор мурғ ба сих.<br>Саъдии Шерозӣ</td><td></td></tr>
<tr><td>4</td><td>Бозаргонеро дидам, ки саду панҷоҳ шутур бор дошт ва чиҳил бандаву хидматгор.<br>Саъдии Шерозӣ</td><td></td></tr>
<tr><td>5</td><td>Бар ин равоқи забарҷад навиштаанд ба зар,<br>Ки ҷуз накуии аҳли карам нахоҳад монд.<br>Ҳофизи Шерозӣ</td><td></td></tr>
<tr><td>6</td><td>Сабо, ба лутф бигӯ он ғизоли раъноро,<br>Ки сар ба кӯҳу биёбон ту додаӣ моро.<br>Ҳофизи Шерозӣ</td><td></td></tr>
<tr><td>7</td><td>Ҳеҷ талхӣ нест бар дил талхтар<br>Аз фироқи дӯстони пурҳунар.<br>Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ</td><td></td></tr>
<tr><td>8</td><td>Фалак умрест дур аз дӯстон медорадам, Бедил,<br>Ба рӯи сафҳаи офоқ байти фардро монам.<br>Бедили Деҳлавӣ</td><td></td></tr>
<tr><td>9</td><td>Душмании гургу шубон мустағнӣ аз баён аст.<br>Ҷомӣ</td><td></td></tr>
<tr><td>10</td><td>Агар касе як маблағ моли хатира дуздонад ва дуздро маа мол ёфта оварда супорад, шаҳна он молро дар урдуи худ фиристад.<br>Аҳмади Дониш</td><td></td></tr>
</table>

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj